Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тағойназарзода Амриддин дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))

Мавзуи диссертатсионӣ, ки ба таҳқиқи асосҳои назариявии соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар иқтисодиёти муосир бахшида шудааст, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва татбиқи барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дорои **мубрамияти баланд** мебошад.

Дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ, сарфи назар аз равандҳои хусусигардонӣ, давлат ҳамчун субъекти асосии иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкориро дар соҳаҳои муҳим ва бахшҳое, ки барои сармояи хусусӣ ҷолиб нестанд ё дастрас нестанд, идома медиҳад. Ин фаъолият, ки дар автореферат ҳамчун **соҳибкории давлатӣ** таҳқиқ шудааст, на танҳо ба гирифтани фоида, балки ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, бахусус таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст, ки ин аҳамияти илмӣ ва амалии мавзӯъро боз ҳам тақвият медиҳад.

**Сохтор ва мундариҷаи кор.** Ҳадафи асосии тадқиқот аз таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории давлатӣ ва таҳияи хулосаву тавсияҳои амалӣ иборат аст.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур, муаллиф шаш вазифаи мушаххасро пеш гузоштааст, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, муайян кардани шаклҳои иштироки давлат, таҳлили вазъи кунунии соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асоснок кардани шарикии давлатӣ ва хусусӣ ва муайян кардани нақши соҳибкории давлатӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд.

Автореферат ба таври мантиқӣ ва муттасил сохта шуда, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Навоварии илмӣ ва натиҷаҳои асосӣ.** Яке аз дастовардҳои муҳимми илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар асоси таҳлили амиқи назарияҳои гуногуни иқтисодӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ, таърифи муаллифии категорияи «Соҳибкории давлатӣ»-

ро пешниҳод кардааст: «Соҳибкории давлатӣ фаъолияти тиҷоратию истеҳсолии корхонаҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ бо иштироки сармояи давлатӣ мебошад, ки ҳадафи он на танҳо ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ, балки иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат, аз ҷумла истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ аст».

Ин таъриф моҳияти дугонаи фаъолияти соҳибкории давлатиро дар шароити иқтисоди бозорӣ дақиқ инъикос менамояд.

Ғайр аз ин, дар доираи навовариҳои илмӣ, муаллиф:

- Шаклҳои иштироки давлатро дар фаъолияти соҳибкорӣ муайян ва тасниф кардааст.
- Таҳлили мукаммали вазъи соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронида, нишон додааст, ки ин бахш дар соҳаҳои стратегӣ ва монополӣ мутамарказ шудааст.
- Ҷанбаҳои институтсионалии Шарикии давлатӣ ва хусусиро такмил дода, самаранокии татбиқи лоиҳаҳоро дар асоси ин механизм асоснок кардааст.
- Хусусиятҳои фарққунандаи соҳибкории давлатиро дар муқоиса бо бахши хусусӣ муайян кардааст.

**Аҳамияти амалии** диссертатсия бо санаде татбиқ тасдиқ шудааст, ки натиҷаҳои тадқиқот дар фаъолияти Маркази татбиқи лоиҳаҳои назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Ин нишондиҳанда аз арзиши баланди амалии тавсияҳо ва хулосаҳои муаллиф шаҳодат медиҳад.

**Аҳамияти назариявӣ** дар таҳия ва асосноккунии назариявӣ оид ба моҳият, нақш ва шаклҳои татбиқи соҳибкории давлатӣ дар иқтисодиёти муосир ифода ёфтааст.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалае низ ба назар намерасад, ки бояд муаллиф ба онҳо низ таваҷҷӯҳи махсус медод, аз ҷумла, таҳлили таҷрибаи яке аз давлатҳои ИДМ ва истифодаи он дар инкишофи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ мебошад.

Пешниҳоди номбурда ба арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ таъсири ҳалкунанда намерасонад.

Хулоса, автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври муфассал инъикос намуда, дараҷаи баланди тайёрии муаллифро нишон медиҳад. Натиҷаҳои илмии бадастомада бо маълумотҳои расмии оморӣ, барномаҳои давлатӣ ва таҳлили назариявӣ асоснок карда шудаанд.

Маводҳои автореферат ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф Тағойназарзода Амриддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқаррриз**
**д.и.и., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон** **Досиев М. Н.**

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.

26.11.2025

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86